# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи «Пажуҳиши луғавӣ - маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ**

**Аҳаммияти мавзуи диссертатсия**и доктории Калонова Маҳина Ҷумабоевна, пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар илми забоншиносии тоҷик бори аввал вижагиҳои сохторӣ, луғавӣ ва маъноии вожагони ашъори шоирони асри XIV дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ ба риштаи пажуҳиш кашида шудаанд.

Таҳқиқи масъалаҳои мухталифи забоншиносӣ, аз як тараф, инъикоси ривоҷи илми забоншиносӣ бошад, аз ҷониби дигар, аз бузургии забон ва серпаҳлуии он гувоҳ аст. Зеро дар тамоми даврони шуравӣ ва истиқлоли давлатӣ гурӯҳи калони забоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ ба омӯзиши масоили мубрами забони тоҷикӣ умри худро сарф кардаанд ва ҳанӯзам масоили зарури мавриди пажуҳиш қарор ёфта зиёданд.

Агар омӯзиши масъалаҳои худи забон як паҳлуи таҳқиқоти бешуморро ташкил намояд, пажуҳиши масъалаҳои марбут ба забони бадеӣ як бахши калони илми забоншиносии тоҷикро фаро гирифтааст.

Аз ин ҷо, рисолаи доктории Калонова Маҳина Ҷумабоевна, ки бевосита ба сохтор ва маънои вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ) бахшида шудааст, барои ошноӣ ба ҳамин қисми забоншиносӣ мусоидат менамояд ва бо дарназардошти моҳияти мавзуи мазкури таҳқиқкарда он ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 - Забони тоҷикӣ пурра **мувофиқат мекунад.**

Дастгоҳи илмии таҳқиқ қавӣ буда, муаллиф гоҳе ба олимони соҳа баҳс карда, фикри ҷолиби худро баён намудааст (автореферат, с. 21, 48).

Бо дарназардошти ин нукта, мавзуи диссертатсияи доктории довталаби дараҷаи илмӣ **мубрам аст**. Калонова М.Ҷ., ҳамчунин, иброз доштааст, ки «ҳаматарафа мавриди таҳқиқ қарор гирифтани мавзуи «Пажӯҳиши луғавӣ - маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ)» имкон медиҳад, ки манзарае аз вожагони забони адабии форсӣ-тоҷикии асри XIV пеши назари аҳли таҳқиқ қарор гирад ва муҳимтарин ҷанбаҳои забонии он муайян гарданд (автореферат, с. 3).

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он аст, ки дар илми забоншиносии тоҷик аввалин маротиба масъалаи мавриди назар мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

**Асосҳои методологии таҳқикро** равишҳои назариявии муқоисавӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-оморӣ ва консепсияҳои илмӣ ва назарии як қатор забоншиносони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд.

**Моҳияти илмии диссертатсия** аз омӯзишу таҳқиқи мавзуи актуалии забоншиносӣ – вижагиҳои сохторӣ, хусусан, калимасозии сарфии исмҳо (вандҳои сермаҳсул, каммаҳсул, бемаҳсул), исмҳои мураккаби пайвасту тобеъ, хусусиятҳои луғавӣ (мақоми калимаҳои асливу иқтибосӣ) ва маъноии вожагони ашъори шоирони асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ) иборат аст.

**Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст. Чунончи, муҳаққиқ чунин навиштааст: "Дар забони ғазали садаи XIV калимаҳои ҳамсони забони тоҷикӣ фаъол ҳастанд, ки ин ҳама аз ҳунару талоши соҳибони калом дар нигоҳдории вожаҳои забони адабии тоҷикӣ дарак медиҳад" (автореферат, с. 19).

Маводди диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф метавонанд дар таълими фанҳои тахассусии забоншиносӣ, мисли калимасозӣ, забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, таърихи забони адабӣ, услубшиносӣ, маданияти нутқ истифода шаванд, ки ин нукта аз **аҳаммияти назарии таҳқиқ шаҳодат медиҳад**.

**Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Калонова Маҳина Ҷумабоевна доир ба мавзуи диссертатсия 31 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Диссертатсияи доктории Калонова М.Ҷ. аз муқаддима, 3 боб, 53 фаслу зерфасл, рӯйхати адабиёт, 2-то замима ва 7-то ҷадвал, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст.

**Нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳодгардида** аҳаммияти калони илмӣ дошта, мазмуни мушаххаси таҳқиқро инъикос кардаанд.

**Хулосаи** диссертатсия муфассал аст. Он як навъ ҷамъбасти мукаммали таҳқиқот буда, ба баррасиҳо пурра мутобиқат менамояд.

Дар баробари ҳамаи муваффақиятҳои илмию пажуҳишӣ дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳои зерин мавҷуданд:

1. Дар боби сеюм диссертант гоҳо маводдеро таҳлил кардааст, ки онҳо мансуб ба боби якуманд. Маслан, шарҳи лексемаи *боғ* (автореферат, саҳ. 35).
2. Дар автореферати диссертатсия чанд хатои имлоӣ дида мешавад (автореферат, саҳ. 1, 8, 12).
3. Ҳаҷми хулосаҳо ба назар зиёд менамояд (27 банд, автореферат, саҳ. 49-53).

Дар умум, эродҳои зикршуда арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Калонова Маҳина Ҷумабоевнаро коста намекунанд.

Хулоса, диссертатсияи доктории **Калонова М.Ҷ.** дар мавзуи **«Пажуҳиши луғавӣ - маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ)»** ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки

бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (тағйирот бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз **рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ** сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забонҳои хориҷии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонова
Наргис Шарифовна

Имзои Н.Ш.Раҳмоноваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров
Фаромуз Зоирхонович

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Саид Носир, 33
Телефон: (+992-37) 224-17-86; факс: 224-17-87.
E-mail: info@apa.tj

12 апрели соли 2024